# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзӯи "Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ).

Автореферати диссертатсияи Қодирӣ Назира Дадозода дар худ меҳнати илмии назаррасеро пешниҳод менамояд, ки он ба муаммои мубрами илми психологияи муосир – муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон бахшида шудааст. Кори мазкур дар дараҷаи баланди илмӣ иҷро шуда, дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад.

Оила ҳанӯз аз замони пайдоишаш ба худ нақши институти асосии тарбияро гирифт ва новобаста аз дигар шудани талаботи давру замонҳо ва ҷомеа нисбат ба нақшу мақоми оила дар кори тарбияи насл аҳамияти хешро ҳамчун институти асосии тарбия аз даст надодааст. Бешак, нақш ва мақоми оила, бахусус солим нигоҳ доштани он дар ташаккули сифатҳои ахлоқию маданииаъзоёни хонавода ба зиндагии оилавӣ омода намудани фарзандон хеле муҳиму бориз буда, дар ин росто чунин тарбия хеле доманадор мебошад.

Мавзуи мавриди назар қароргирифта барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон ниҳоят мубрам арзёбӣ мегардад, зеро он бо ҳалли мушкилоту муаммоҳои оилавӣ, муносибатҳои байнишахсӣ, муошират ва нақшҳои иҷтимоӣ, ташаккули пурарзиши шахсияти наврасон алоқамандӣ дорад. Муаммои мубрами таҳсилоти ватанӣ ҳам гуманизатсияи он ба шумор меравад. Ҳалли ин муаммо аз ҳисоби дар субъектҳои раванди таълиму тарбия ташаккул додани чунин муносибатҳои байнишахсие, ки онҳо дар худ ботамкинӣ, мустақиливу масъулиятшиносӣ, худшиносии фаъол, неккхоҳӣ ва муносибатҳои таҳаммулпазириро ифода мекунанд, имконпазир мегардад.

Инчунин, муҳаққиқ қайд менамояд, ки иҷтимоишавии шахс дар раванди муносибати байниҳамдигарии наврасон ҷиҳати ташаккул ёфтани гуманизатсияи ҳамкориҳои байнишахсии онҳо чун омили муҳим баромад мекунад. Муносибатҳои инсонгароёна чун асоси муносибатҳои иҷтимоии наврасон дар тақвияти арзишҳои умумиинсонии шахсияти худшиносу фаъол саҳми калон дорад.

Диссертант зимни баррасии масъала маводҳои назариявии мувофикро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст. Дар асоси омӯзиш

ва таҳлили корҳои муҳаққиқони зиёди ватанию хориҷӣ таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсиро дар синни наврасӣ муайян кардааст, ки дар қисми амалияи кор намоён мебошад.

Дар мундариҷаи кори диссертатсионӣ фикри шахсии муҳаққиқ бомаврид омадааст, ки ин аз бевосита ворид гардидани ӯ ба моҳияти аслии масъала ва кӯшиши дарёфти роҳҳои ҳалли дурусти он дарак медиҳад.

Мавзӯе, ки муҳаққиқ - Қодирӣ Назира Дадозода мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст дар шароити имрӯзи ҷомеа муҳим ва мубрам аст, зеро шароити муосир, алахусус рушди босуръати илму технология зарурати соҳиби салоҳиятҳои асосии ҳаётиро ба миён гузоштааст ва дар ин ҷода шинохти арзишҳои милливу маънавӣ ва иҷтимоиву инсонӣ бо дарназардошти равишҳои замонавии илми муосир яке аз ҳадафҳои асосӣ дониста мешавад.

Ин масоил ва дигар мушкилоти ҷаҳони муосир аҳли илм ва маорифи ватаниро водор месозанд, ки ба таҳқиқи масъалаҳои гуногуни психологии ҷомеа, махсусан, оила, ки яке аз ниҳоди асосии ҷомеаи ба ҳисоб меравад ба омӯзиши ҳамаҷонибаи илмӣ қарор диҳанд. Зеро муайян намудани заминаҳои ташаккули ахлоқии наврасон дар муҳити оила яке аз навгониҳои муҳими психологияи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Ғайр аз ин муайян намудани таъсири бевоситаи муҳити солими оила ба ҳолатҳои психологӣ ва ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии кӯдакону наврасон, ки аз масъалаҳои муҳим шуморида шуда, аз мубрамӣ ва аҳамияти бағоят муҳим бархурдор будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қодирӣ Назира Дадозода ба таври илмӣ нишон медиҳад.

Доири ин мушкилоти ҷомеа муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии худ хеле бомаврид ва воқеъбинона иброз намудааст, ки таъсири пуршиддати ҷанги шаҳрвандӣ ба оилаҳои тоҷик, ба фазои психологии оилаҳо таъсири манфии худро гузоштааст, ки масъалаи мазкурро ба таври бояду шояд ва мукаммал аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода нашудааст.

Бинобар ин, муҳақиқ ин масъаларо аз нуктаи назари илмӣ таҳлилу баррасӣ намуда, ба таври мушаххасу комил таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасонро басо муассиру ҷавобгӯ ба

талаботи замон ҳисобида, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии эшон шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу ҭаҳқиқ ва кор ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст. Дар баробари ин, мушфиқона онҳоро арзёбӣ карда, андешаю мулоҳизоти хешро озодона ва аз назари интиқодӣ баён кардааст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи муҳаққиқ мақсаднокии истифодаи шароити солими психологии пешниҳоднамудаи маллифи рисоларо дар мисоли ташаккули ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон тасдиқ мекунанд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқотӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи психологияи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии шоёнеро ба анҷом расонидааст. Зеро муайян намудани муаммоҳои психологии оилаи муосири тоҷик дар бунёди муҳити солими психологӣ барои ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон муҳим буда, ба ошкор намудани ин масъалаи муҳими ҳаёти ҷомеа самараи мусбӣ мебахшад.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Қодирӣ Назира Дадозода арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар воқеъ таҳқиқотҳои олимонро оид ба таҳлили ҳамаҷонибаи навъҳои гуногуни оила зимни таҳқиқот ҷараён гирифта, муайян намудааст, ки инкишофи зеҳниву психологии наврасон ва ташаккули ҳиссиёти ахлоқии онҳо иртибот дошта, ба шароити иҷтимоӣ-иқтисодии оила вобаста мебошад. Дар ин росто бояд қайд кард, ки муносибатҳои тарбиявии калонсолони оила дар таҳкими боварҳо ва таълиму тарбияи наврасон заминаи мусоид фароҳам меоварад, проблема ва асосҳои назариявию амалии ташаккули муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасонро муайян ва коркард кардааст.

Мутмаинан изҳор кардан мумкин аст, ки тавсияҳои таҳиякардаи унвонҷӯй дар ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон таъмин хоҳанд кард.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Қодирӣ Назира Дадозодаро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ доштан ва

соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвонҷӯйро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Ба андешаи банда, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст. Автореферати диссертсия ба талабот ҷавобгӯ буда, мухтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Қодирӣ Назира Дадозода дар мавзуи ""Муҳити солими психологии оила ҳамчун омили ташаккулёбии ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон" ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсинӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда. муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз руи ихтисоси 19.00.05 - психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои психологӣ,
омӯзгори калони кафедраи умумидонишгоҳии
психологияи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Қурбонов Н.Х.

*"Имзои Н. Х. Қубоновро тасдиқ мекунам"*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ С. Қодирзода

РАЕСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

14.11.2025